# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷокистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент): 1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои мавзуӣ ва байнифаннии идоракунӣ. 19. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ, мутобиқ аст.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.**

Мавзуи сармояи инсонӣ ва самаранок идора кардани он яке аз мавзуҳои фаъоли иқтисодӣ дониста шуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи башариро ба худ ҷалб намудааст. Ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт, рақобатпазирӣ ва рушду ташаккулдиҳии он аз тавонмандии сармояи инсонӣ вобастагии калон дорад. Чуноне, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2023) қайд шуда буд, ки «Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Рушди сармояи инсонӣ омили

калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад». Ин ҳадафи тақдирсоз ва вазифаҳои гузошташуда доир ба суръат бахшидан ба рушди сармояи инсонӣ, ки будуни рушди муассисаҳои таҳсилотӣ имконнопазир аст, асоси ғоявии самтҳои такмили идоракунии рушди сармояи инсониро ташкил медиҳад. Идоракунии сармояи инсонӣ маҷмӯи васеи таҷрибаҳо ва барномаҳоест, ки барои ҷалб, идора ва рушди сармояи инсонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд. Механизмҳои идоракунии сармояи инсонӣ ба системаҳо ва қарорҳое дахл дорад, ки барои иҷрои вазифаҳо ва дастгирии ҳадафҳои муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ истифода мешаванд. Дар марҳилаи нави рушди мамлакат, ки татбиқи сенарияи рушди индустриливу инновасионӣ идома дораду бо афзалиятҳои технологӣ, техникӣ ва ташкилӣ фарқ мекунанд субъектҳои иқтисодӣ метавонанд танҳо тавассути истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, дурусттараш ҷузъи зеҳнӣ афзалиятҳои рақобатиро ба даст оранд. Бинобар он мукмалгардонии механизми идоракунии сармояи инсонӣ, ки аслан дар соҳаи таҳсилдот ташаккул ёфта ҷанбасти он дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ суръат мегирад, мавзӯи мубрами рӯз мебошад. Ба ин муносибат проблемаи идоракунии сармояи инсонӣ дар муасситсаҳои таҳсилоти лолии касбӣ ба миён меояд. Идоракунии сармояи инсонӣ яке аз унсурҳои идоракунии кадрҳо буда, бо сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ сахт алоқаманд аст. Муносибати муосир ба сармояи инсонӣ бештар ба саҳми кормандони қаноатманд дар ноил шудан ба ҳадафҳои корпоративӣ, аз қабили садоқати муштариён, сарфаи хароҷот ва даромаднокӣ дида мешавад. Ин таҷдиди назарро ба консепсияҳои қаблии идоракунӣ ва дарёфти механизмҳои нави идоракунии сармояи инсонӣ ва кадрҳоро тақозо менамояд, ки дар рисолаи илмии мазкур ба пуррагӣ оварда шудааст. Аз ин нигоҳ интихоби мавзуи диссерттсионӣ мубрам дониста мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Эътимоднокии натиҷаҳои илмии тадқиқот бо миқдори кофии маълумоти таҳлилӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо истифода аз усулҳои муосир, мувофиқати натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва тадқиқотӣ бо маълумоти асоснок ва далелҳои аз маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилии оморӣ ва ҳисоботи

ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар нашрияҳои даврии илмӣ, захираҳои интеънетӣ ва ғайра гирифташуда, тасдиқ карда мешавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир зоҳир гардида, дорои натиҷаҳои мушаххаси илмӣ мебошад, ки муаллиф онҳоро вобаста ба вазифаҳои гузошташуда, чунин гуруҳбандӣ намудааст:

1. Дар диссертатсия ғояҳои илми иқтисодӣ ва сарчашмаҳои асосии равишҳои консептуалӣ-назариявии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад ва қувваи пешбарандаи онро сармояи инсонӣ (бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, самаранок истифодабарию идоракунии онҳо) ташкил менамояд. Инчунин, дар диссертатсия назарияҳои муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ба инобат гирифта шуда, фаҳмиши муаллифии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он пешниҳод карда шудааст. Мувофиқ ба дарку фаҳмиши муаллифи диссертатсия, сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият дониста мешавад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сармояи асосии инсони комил ба ҳисоб меравад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад. Унсурҳои асосии сармояи инсонӣ: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ, моликияти зеҳнӣ, сармояи оилавӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва маҳорати ташкилӣ дониста мешаванд.

2. Воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба инобатгирии талаботҳои иҷтимоию инноватсионии иқтисодиёти муосир муайян карда шудаанд. Ҳангоми таҳқиқ ошкор гардидааст, ки ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ниҳодҳои асосии он таъмин намуда, талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир онро раҳандозӣ менамояд. Иқтисодиёти муосир ба донишҳои мутахассисони тахассусманд, эҷодкор ва кашфиётҳои онҳо такя менамояд. Аз ин нуқтаи назар, собит карда шудааст, ки фикрронӣ, навоварӣ, ҷоринамоӣ, назоратнамоӣ ва фоидагирӣ марҳалаҳои асосии ин иқтисодиёт дониста мешаванд.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ таҳқиқ гардида, истифодабарии усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд. Асоснок гардидааст, ки маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда, на танҳо омили бавуҷудоваранда, балки идоракунанда ва истифодабарандаи самараноки онҳо дониста мешавад. Маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи сармояи инсонӣ дониста шуда, хусусиятҳои хоси он пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки аз худ намудани донишҳои муосир боиси боз ҳам саҳеҳтар гардидани нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мегардад.

4. Дар раванди таҳқиқ таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки маълумотнокии инсон, бахусус маълумоти олии касбӣ, ки бештар ба раванди истеҳсолот наздикӣ дорад, дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад. Рушду тавсеаи иқтисодиётро сармояи инсонии ташаккулёфта таъмин намуда, боиси самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти босифат мегардад. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши муосиртарини омоданамоии мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва ҳамбастагии он бо талаботҳои истеъмолии аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

5. Омӯзиши тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат пешниҳод карда шудаанд. Ҳамин тариқ, муайян карда шуд, ки робитаи мустақим байни низоми маориф, илм ва раванди истеҳсолот дар як низоми муайяни инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, омоданамоии мутахассисони дорои дониши муосирро талаб менамояд. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки омоданамоии мутахассисон дар ин шароит мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ монда шавад.

6. Дар диссертатсия омӯзишу аз худ намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушду такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир муҳим арзёбӣ гардидааст. Истифодаи таҷриба, таҳлил, таҳқиқ ва баррасии он яке аз меъёрҳои иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи пешқадам яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи гузошташуда маҳсуб меёбад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ нисбат ба дигар сармоягузориҳо манфиати бештар ба

бор меорад. Дар иртибот ба ин, яке аз роҳҳои расидан ба рушди комили иқтисодӣ дар доштани мутахассисони халлоқ ва эҷодкор диниста мешавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз худ карда шуда, истифодаи яке аз ин таҷрибаҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ ба манфиати ҷомеа хоҳад буд.

7. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳқиқ карда шуда, зимнан муайян карда шуд, ки вобаста ба рушди босуръати техникаю технологияҳо ва тағйир ёфтани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ зиёда аз 50 фисади касбҳо нуфузу эътибори худро аз даст дода, шакли навро гирифтаанд ва ё умуман аз байн рафтаанд. Тибқи пешгӯиҳо, дар баробари гузаштан ба силсилаи нави технологӣ риштаҳои амалкунанда то соли 2050-ум пурра шакли муосирро мегиранд. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ин таҳдидҳо ба инобат гирифта шуда, рушду такомули сармояи инсонӣ мувофиқ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

8. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян карда шуд, ки дониш ба унвони неруи асосии сармояи инсонӣ ва тавлидкунандаи идеяҳои инноватсионӣ арзёбӣ мегардад. Идеяҳои инноватсионӣ боиси рушду тавсеаи иқтисодиёти муосир гардида, барои ба даст овардани даромад, таъмин шудан бо ҷойи кор ва беҳтар гардидани сатҳи зисту зиндагонӣ мусоидат мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки раванди мазкур дуруст таҳлилу арзёбӣ карда шуда, ба навоварӣ, эҷодкорӣ, ихтироот ва аз ҳама муҳим ба масъалаи роҳандозии истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

9. Дар диссертатсия самтҳои муосири рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок гардида, муайян карда шуд, ки рушди устувори иқтисодиёт бо рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок ва ташаккули рақобатпазирии истеҳсолот алоқамандии зич дорад. Самтҳои асосии рушд ва инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар дуруст ба роҳ мондани низоми муосири таълимӣ, муҷаҳҳазгардонии муҳити таълимӣ ҳамчун асоси таҳсилоти босифат, азхудкунии муосиртарин донишҳо, ҳамбастагии ҷараёни таълим бо раванди истеҳсолот ва дигар фаъолиятҳо дониста мешавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф амсилаи кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст, ки он

дарбаргирандаи рушди сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро фаро мегирад.

10. Хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ ва низомҳои муосири таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян карда шуд, ки идоракунии стратегии кормандон дар менеҷменти муосир вобаста ба шароитҳо ва тағйироту дигаргуниҳое, ки ҷараёни истеҳсолиро фаро гирифтаанд, мазмун ва мундариҷаи худро дигар карда, фаъолият намудан бо техникаю технологияи муосирро ҳамчун равиши навини омодасозии кадрҳои асри XXI талаб менамояд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия таъминамоии кадрҳоро яке аз самтҳои асосии рушди менеҷменти муосир донистa, пешниҳод менамояд, ки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо яке аз муосиртарин роҳҳои таъмини корхона бо беҳтарин кормандон дониста мешавад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси менеҷмент ва рушдёбии техникаю технологияҳои истеҳсолӣ, низоми таълимӣ бояд дар асоси муосиртарин амсилаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

Диссертатсия аз муқадимма, панҷ боб, хулосаю пешниҳодот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 355 саҳифаи чопӣ дарҷ шудааст. Дар диссертатсия такризшаванда 33 ҷадвал, 11 расм ва 12 диаграмма ҷойгир карда шудааст.

Дар муққадима муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст ва дар бораи татбиқи натиҷаҳои он маълумот дода шудааст.

Дар боби аввали рисола «Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии сармояи инсонӣ» дарҷ гардида, дар он назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёти муосир пурра шарҳ дода шуда, рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI баррасӣ шудааст.

Муҳаққиқ, дар зербоби қисмати аввали боби якум, омӯзиши назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи онро вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт ба роҳ монда, назарияҳо ва методологияи гуногуни олимон ва муҳаққиқони соҳаро ҷамъ овардааст,

ки дар шакли ҷадвал (саҳ.29-30) пешкаш намудааст. Мувофиқ ба омӯзиш ва баррасиҳои гузаронидашуда, муаллиф нуқтаи назари худро оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ ҷунин қайд намудааст: «Сармояи инсонӣ – ин маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кушишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият мебошад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, мояи асосии инсони комил дониста мешавад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад». Вобаста ба ин дар идома, муаллиф сармояи инсониро асоси рушдиҳандагиии иқтисодиёти инноватсионии муосир дониста, ташакулёбии унсурҳои асосии онро, ки дар якҷоягӣ захираи асосии истеҳсолотро таъмин менамоянд, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як аъзои ҷомеа медонад. Муаллиф, унсурҳои асосии сармояи инсониро дар як низоми муайян ба тартиб даровард, онро дар шакли расм (саҳ. 33) пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, дар идомаи ин зерқисмат, рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба воситаҳою усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, раванди ташкил, талаботҳои иҷтимоӣ ва талаботҳои инноватсионии иқтисодиёт дар шакли расм (саҳ. 38) пешниҳод гардидааст.

Дар зерқисмати 1.2 нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди идоракунии иқтисодиёти муосир оварда шуда, нақшу аҳамиятнокии сармояи инсониро дар рушди иқтисодиёти муосир аз нуқтаи назари олимон ва муҳаққиқони соҳа шарҳ додааст. Дар баробари ин шарҳи пурраи унсурҳои асосии сармояи инсонӣ, бахусус сармояи зеҳнии инсонӣ таҳқиқ гардида, таъсирбахшии онҳо ба рушду ташаккулёбии иқтисодиёт оварда шудааст. Дар идомаи ин зерқисмат, муаллиф, қайд менамояд, ки “сармояи зеҳнии ташаккулёфта, бояд татбиқи худро дар фаъолияти муносиби инноватсионие пайдо кунад, ки боиси офариниши маҳсулотҳои навин аз иқтидори инноватсионии инсонӣ гардад” ва ин гуфтаҳоро дар шакли расм (саҳ. 58) пешниҳод намудааст.

Зерқисмати 1.3 рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI-ро дар бар гирфта, ба рушдёбии раванди истеҳсолот, равишҳои муосири идоракунӣ ва таваҷҷуҳ ба донишу малакаи кормандон дар ширкату корхонаҳо нигаронида шудааст. Дар идомаи ин зерқисмат муаллиф, асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандонро баррасӣ намуда, онро дар шакли расм (саҳ. 70) пешниҳод намудааст. Мувофиқ ба ин расм, асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон аз ниҳодҳо, меъёрҳою қонунҳо, домҳои институтсионалӣ ва тағйирёбии он вобаста мебошад.

Дар охир муаллиф хулосаи муайяни худро оид ба боби аввал пешниҳод намудааст (саҳ. 73-74).

Дар боби дувуми рисола «Равишҳои методологӣ ва усулҳои арзёбии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт», таҳқиқ гардида, он дарбаргирандаи методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт, таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир ва хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ мебошад.

Дар зерқисмати 2.1 методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он мувофиқ ба шароитҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт таҳқиқу баррасӣ гардида, методологияи сармояи инсонӣ, ки аз се қисмати асосӣ: мақсаднокии идоранамоӣ, мусоидат намудан ба рушди шахсии ҳар як корманд ва муттаҳид кардани мақсадҳо баҳри рушди фаъолият, иборат аст, оварда шудааст. Ин зерқисмат, дарбаргирандаи баҳодиҳии саривақтию объективӣ, низоми арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои арзишию сифатии сармояи инсонӣ (расми 5 саҳ. 77) мебошад. Дар идома, равишҳои муосири усулҳои арзёбии сармояи инсонӣ (ҷадвали 2.1 саҳ. 78) ва воситаҳои методии баҳодиҳии он оварда шудааст. Вобаста ба баррасии усулҳои овардашуда, усули муаллифии арзёбии сармояи инсонӣ вобаста ба маълумотгирии инсон пешкаш карда шудааст (саҳ. 89).

Дар қисмати 2.2 таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир баррасӣ гардида, дар дараҷаи баланд омода кардани мутахассисони касбӣ асоси пешравии иқтисодиёти ширкату корхонаҳо дониста шудааст. Дар ин зерқисмат, консепсияи сармояи инсонӣ (ҷадвали 2.2 саҳ. 95) ва паҳлуҳои асосии он: таваҷҷуҳ ба маълумотнокии инсон, сармоягузори ба он, ташаккулёбии унсурҳои асосии сармояи инсонӣ ва сармояи инсонӣ асоси рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа оварда шудаанд. Дар идома, алоқамандии раванди таҳсилот, истеҳсолот, истеъмолот ва омилҳои ба ин муносибатҳо таъсиррасон оварда шуда дар шакли расм (саҳ. 99) пешкаш карда шудааст. Ҳамзамон, самтҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа (расми 7 саҳ. 103) оварда шуда, манфиатҳои он шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Дар зерқисмати 2.3 хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ таҳқиқ гардада, бештар такя ба дигаргуншавии раванди истеҳсолот ва мувофиқ ба он омода кардани мутахассисон баён карда шудааст. Ҳамчунин, дар ин зерқисмат

хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисодӣ рақамӣ (ҷадвали 2.4 саҳ. 112), равишҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар шароити рушдёбии инноватсионии иқтисодиёт ва ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ (расми 8 саҳ. 121) оварда шудааст.

Дар охири боб муаллиф хулосаи муайяни худро оид ба боби дуюм пешниҳод намудааст (саҳ. 124-126).

Дар боби сеюм «Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва омоданамоии мутахассисон дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ», таҳқиқ гардида, он дарбаргирандаи сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошад.

Дар зерқисмати 3.1 сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ оварда шуда, манфиатнокии иқтисодии ин намуди сармоягузориҳо аз нуқтаи назари олимону муҳаққиқони соҳа шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Дар ин зерқисмат сарчашмаи маблағгузорӣ барои таҳсилоти олӣ аз рӯйи кишварҳо, вобаста аз камшавии маблағгузории давлатӣ ва зиёдшавии бахши хусусии ғайритаълимӣ (ҷадвали 3.1 саҳ.138), тағйирёбии сарчашмаи молиягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дар байни давлатҳо аз рӯйи бахши буҷети давлатӣ ва бахши хусусии ғайритаълимӣ (диаграммаи 3.1 саҳ. 139), оид ба манбаҳои молиягузорӣ ва моделҳои дастгирии молиявии таҳсилоти олӣ ва гуруҳбандии хароҷотҳо барои рушди сармояи инсонӣ вобаста ба молиягузориҳо оварда шудааст.

Зерқисмати 3.2 дарбаргирандаи арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мебошад. Муаллиф дар ин зерқисмат, таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонро таҳлилу баррасӣ ва арзёбӣ намудааст. Ҳамчунин, нишондиҳандаҳои шохиси рушди инсонӣ (ҷадвали 3.2 саҳ. 144), шохиси сатҳи маълумотнокӣ (ҷадвали 3.3 саҳ. 146), шохиси давомнокии муёнаи умр (ҷадвали 3.4 саҳ.147) ва ретинги кишварҳою минтақаҳо аз рӯйи ММД ба ҳар сари аҳолӣ (ҷадвали 3.5 саҳ. 148) оварда шудааст. Дар идомаи зерқисмат, таҷрибаи давлати Чин, ИМА, Ҷопон, Олмон, Нидерландия, Шведсария ва Кореяи Ҷанубӣ баррасӣ гардидааст.

Дар зерқисмати 3.3 риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳқиқ гардида, моделҳои омӯзиш, стандарҳои таълимӣ ва раванди азхудкунии касбҳои муосир дар

муасисаҳои таълимии ин кишварҳо оварда шудааст. Дар ин зерқисмат муаллиф, рушд ва инкишофёбии босуръати технологияҳои муосири рақамӣ, зеҳни сунъӣ, робототехника ва автоматикунонии ҷараёни истеҳсолотро ба инобат гирифта, такмили самаранок идора кардани сармояи инсониро яке аз маъсъалаи мубрами ҷомеа ҳисобидааст. Дар идома, муаллиф қайд менамояд, ки дар бештари донишгоҳҳои кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон касбҳои нави муосир, махсусан дар соҳаи IT, дар соҳаи иқтисод, дар соҳаи тиб ва дигар соҳаҳои техникиву технологии ба ҷамъият муфид мутахассис омода карда мешаванд, ба монандӣ: муҳандиси маълумот, мурабии AI, меъмори воқеияти виртуалӣ ва васеъшуда, дизайнери чопи 3D, мутахассиси амнияти маълумотҳо ва киберҳо, мутахассиси таҳлилгари тиҷорати электронӣ, менеҷер-контент, мутахассиси сайтҳо, интернет-коуч, байер, логистик, хед-хантер, марчендайзер, PR менеҷер, андерайтер ва садҳо ихтисосҳои дигар.

Дар охири боб муаллиф хулосаи муайяни худро оид ба боби сеюм пешниҳод намудааст (саҳ. 173-175).

Дар боби чорум «Таҳлили вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқу таҳлил гардида, вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ, ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва сатҳи даромад, дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии такомулёбии сармояи инсонӣ оварда шудааст.

Дар зерқисмати 4.1 вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ таҳқиқ гардида, аҳамиятнокии маълумотгирии олии касбӣ, таъмини рушди устувори таълимоти олии касбӣ ва вазифаҳои асосии муассисаҳои маълумотдиҳандаи олии касбӣ оварда шудааст. Ҳамчунин, дар ин зерқисмат, таҳлилу баррасии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёни онҳо (ҷадвали 4.1 саҳ. 181), динамикаи шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо (ҷадвали 4.2 саҳ.182), тағйирёбии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 4.3 саҳ. 186), шумораи донишҷӯёни дар асоси шартнома вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил кунанда (ҷадвали 4.4 саҳ. 188), шумораи умумии донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо таври шартномавӣ ва ройгон таҳсилкунанда (ҷадвали 4.5), хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсия, шумораи муассисаю ташкилотҳои

илмӣ ва кормандони онҳо дар дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.6 саҳ. 191) таҳлилу баррасӣ гардида, алоқамандии онҳо ва аз якдигар вобастагии онҳо дар шакли мадели регрессионӣ оварда шудааст.

Дар зерқисмати 4.2 ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили он дар шароити 'имрӯзаи иқтисодиёт оварда шуда, вазъи кунунии бозори меҳнат, тағйирёбии он вобаста ба рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ва мақсаднок омода кардани мутахассисон таҳқиқ карда шудааст. Дар ин зерқисмат, тағйирёбии аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи шумора ва аз рӯйи фоиз (ҷадвали 4.11 ва 4.12 саҳ.200, 202), тағйирёбии нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (ҷадвали 4.13 саҳ.204), шумораи захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва дараҷаи бекорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 4.14 саҳ. 206), тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт (диаграммаи 4.6 саҳ. 207), талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 4.15 саҳ. 208), тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ (ҷадвали 4.16 саҳ. 210), тақсимоти бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва НТҶ (диаграммаи 4.7 саҳ. 214) ва тақсимоти шумораи кормандони дар шароити номусоиди меҳнатӣ ба фаъолияти меҳнатӣ машғулбуда (ҷадвали 4.17 саҳ. 215) таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар зерқисмати 4.3 сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии инкишофи сармояи инсонӣ тахлил, таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст. Дар ин зерқисмат, тағйирёбии ҷамъи даромади ҳар нафари аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо (ҷадвали 4.18 саҳ. 219), истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо (ҷадвали 4.19 саҳ. 221), тағйирёбии ҷамъи даромадҳо ва истифодаи онҳо ба ҳар сари аҳолӣ (диаграммаи 4.8 саҳ. 222), нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 4.20 саҳ. 223), тағйирёбии даромади пулӣ ва хароҷотҳои пулию пасандозҳои аҳолӣ (диаграммаи 4.9 саҳ. 224), тағйирёбии ММД ба ҳар сари аҳолӣ (диаграммаи 4.10 саҳ. 226), тағйирёбии ММД-и кишвар ва ҳиссаҳои маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ (диаграммаи 4.11 саҳ. 228), тағйирёбии ММД, содироти мол, сармоягузориҳо ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (ҷадвали 4.21 саҳ. 229), воридоти молу маҳсулот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи

гурӯҳи молҳо (ҷадвали 4.22 саҳ. 432), тағйирёбии ҳаҷми воридот, содирот ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (диаграммаи 4.12 саҳ. 234) оварда таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар интиҳои боб муаллиф, вобаста ба таҳлилҳои гузаронидашуда хулосаи худро пешниҳод намӯдааст.

Дар боби панҷум «Самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир», муайян ва пешкаш карда шудааст. Дар ин боб рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ муайян шуда, такмилёбии идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ пешкаш гардида, дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ пешкаш карда шудааст.

Дар зерқисмати 5.1 рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ муайян карда шуда, ташаккулёбии сармояи инсонӣ асоси рушди иқтисодиёти муосир дониста шудааст. Дар ин зерқисмат таҳавулотҳои иқтисодиёти инноватсионӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таҳқиқ карда шуда, самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ пешкаш карда шудааст. Ҳамчунин, дар ин зерқисмат, низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (расми 9 саҳ. 250) ва модели кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ (расми 10 саҳ. 255) пешкаш карда шудааст.

Дар зерқисмати 5.2 такмили идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ вобаста аз суръатнокии баланди навовариҳо ва зуд-зуд тағйирёбиҳои талаботҳои истеъмолии аҳолӣ пешкаш карда шудааст. Дар ин зерқисмат, механизмҳои мотиватсионии таъминамоии кадрҳо (расми 11 саҳ.267) пешкаш карда шудааст, ки дарбаргирандаи унсурҳои асосии мехнанизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо дар ширкату корхонаҳо ва хусусиятҳои асосии сармояи инсонии ташаккулёфта дар шароити муосир мебошад. Асоси ин механизми пешкардашударо паҳлуи асосии он: мутобиқшавӣ бо шароитҳои мавҷуда, қодир будан ба эҷодкорию навоварӣ, моил гардидан ба омӯзиш ва расидан ба дараҷаи баланди касбӣ дар ширкату корхонаҳо ташкил менамояд. Инчунин, дар охири ин зерқисмат, меъёрҳои ғайрирасмии соҳибкорон-инноваторони машҳури ҷаҳонӣ (ҷадвали 5.1 саҳ. 272) пешкаш карда шудааст.

Дар зерқисмати 5.3 дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсониро дар бар гирфтааст, ки асоси онро равандҳои муосири илмӣ, эҷоду ихтироот ва тағйирёбии

муносибатҳо ташкил намудааст. Муовиқ ба ин, муаллиф дар ин зерқисмат, муосиртарин ва пурқувватарин моделҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, модели Амрикои шимолӣ (ИМА, Канада), модели Аврупоӣ (Британияи Кабир, Фаронса, Шветсария, Нидерландия, Олмон), модели Скандинавӣ (Дания, Шветсия) ва модели Осиёи ҷанубу шарқӣ (Ҷопон, Сингапур) мавриди омӯзиш қарор дода, паҳлуҳои мусбии онҳоро барои рушди раванди таълим пешниҳод намудааст.

Дар интиҳои боб, муҳимияти гуфтаҳои бобро ҷамбаст намуда, дар шакли хулоса пешкаш намудааст (саҳ. 288-291).

Дар охир, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодот оварда шудаанд (саҳ. 292-300).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методологӣ, асоснокунии ҷанбаҳои назариявӣ-методологии такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба самараноктар истифодабарии сармояи инсонӣ ва роҳҳои муосири рушду ташакулдиҳии он, пешниҳоди амсилаҳои муосири таълимӣ дар омода кардани мутахассисон мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат саҳмгузор мебошанд.

Эътимоднокии диссертатсия таҳқиқшавандаро таҳлилу баррасиҳо ва арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми таҳқиқотҳои гузаронидашуда, коркарди илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф вобаста ба мавзуъ, тасдиқ менамояд. Ҳамчунин, дар амал истифодашавии хулосаю тавсияҳои пешниҳодгардида, тасдиққунандаи эътимоднокии кори диссертатсионии мазкур мебошад.

Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, дастурҳо ва матни лексияҳо аз фанҳои «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷмент ва маркетинг», «Менеҷменти кадрӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Менеҷменти байналмилалӣ», «Назорати ҳайати кормандон», «Санъати роҳбарӣ» ва дигар фанҳо, ки донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантони PhD аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, ки бо санад аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Натиҷаи асосии амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти илмии** натиҷаҳои таҳқиқот дар такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир, ҷанбаҳои назариявӣ-методологии сармояи инсонӣ, унсурҳои асосии он ва самаранок истифода намудани тавонмандии ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пажуҳишҳои гуногун, ки вобаста ба мавзуи такмили идоракунии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он, таҳқиқотҳо анҷом медиҳанд истифода карда мешавад. Инчунин, ин натиҷаҳо дар пажуҳишгоҳҳо, коллеҷҳо, донишгоҳу донишкадаҳои олии касбӣ ва дигар сохторҳои дахлдори соҳа, ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳо истифода бурда мешавад.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асоснокунии равишҳои муосиртарини рушду такомули сармояи инсонӣ метавонанд истифода баранд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди сармояи инсонӣ дар сохторҳои дахлдори соҳа метавон истифода бурд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, истифодабарӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранок идора намудани ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Натиҷаҳои асосии тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба рушди идоракунии самараноки сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосири иқтисодиёт дар соҳаҳои иқтисодӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҳангоми татбиқ натиҷаҳои он аз ҷониби истифодабарандагон вобаста ба такмили идоракунии сармояи инсонӣ, рушду инкишоф додани унсурҳои асосии он, ҷори намудани равандҳои муосири таълим, сиёсати кадрӣ, омода намудан ва баланд бардоштани такмили ихтисоси кормандон зоҳир мегарданд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия мазкур зиндагии шоистаро барои ҳар як аъзои ҷамъият, дар ҳолати доштани дониши мукамали замонавӣ таъмин намуда, даромаднокии онҳоро доимӣ мегардонад ва ба такрористеҳсолшавии аҳолии кишвар мусоидат менамояд. Инчунин, ба беҳтар гардидани сатҳи касбияти ҳар як мутахассиси омодашудаистода ва дар оянда омодашаванда, афзоиши таҳқиқотҳои аслии илмии идоракунии сармояи инсонӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамзамон, мақсади ниҳоии кори диссертатсионии мазкур дар беҳтар ва самараноктар истифода шудани ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ ва афзоиши сатҳи шуғл ва некӯаҳволии аҳолӣ ҷамбаст карда мешавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Оид ба мавзуи таҳқиқот 2 монографияи илмӣ, 94 мақолаи илмӣ, ки 36 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 32, 33, 34, 35, 37 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) муқараршуда ҷавобгу буда, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъалаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, маълумот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тахкикот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз руйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷанбаҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаи илмӣ” аз 30 июни соли 2021, №267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такмили идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир дар ячейкаҳои асосии рушду инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ васеъ истифода шаванд. Диссертатсия бо забони фасеҳ бо истифодаи истилоҳоти қабулшуда навишта шуда, ороиши диссертатсия ягон тасҳеҳиро талаб намекунад.

Автореферат ва корҳои интишоршудаи докторант ба пуррагӣ ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунанд. Қисматҳои муҳими таркиби кор, ки предмети асосии ҳимоя мебошанд, дар автореферат инъикос гардидаанд. Вобаста ба ин талаботҳои муқараршуда дар умум риоя гардидаанд.

**Эрод ва тавсияҳо доир ба диссертатсия**.

Дар қатори ҳама ин бартариятҳои номбурдашуда, диссертатсияи мазкур дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба инҳо дохил мешаванд:

1. Муаллифи диссертатсия, дар рафти таҳқиқ бештар ба назария ва консепсияи олимони хориҷ такя намудааст, беҳтар мебуд аз назария ва консепсияи олимони ватанӣ, ки доир ба мавзуъ кам нестанд истифода менамуданд;
2. Мавзуи таҳқиқот яке аз мавзуҳои фаъоли иқтисодӣ ба шумор рафта, дар рушди бисёре аз соҳаҳо саҳмгузор мебошад, бинобар ин, дар вақти таҳлил хуб мешуд, ки натанҳо маълумотгирии олии касбӣ ва баъдидипломӣ, сохторҳои поёнии он низ таҳқиқ мегардиданд;
3. Оид ба мавзуъ таҳқиқотҳои зиёд анҷом дода шудааст, вале оид ба нишондиҳандаҳои имрӯзаи раванди таълим, бахусус таъминокии раванди таълим бо техникаю техналогияи муосир маълумот камтар пешниҳод карда шудааст;
4. Методикаи пешниҳоднамудаи муаллиф, ки ба арзёбии сармояи инсонӣ (саҳ. 89) бахшида шудааст, фикр мекунам, ки яке аз усулҳои хуб дар ин самт дониста шавад ва беҳтар мешуд, ки хароҷотҳо вобаста ба давраҳо бо маблағи муайян пешниҳод карда мешуданд;
5. Дар боби панҷум муаллиф оид ба низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот анҷом дода, модели кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсониро (расми 10 саҳ. 255) пешкаш намудааст вале манбаи сармоягузории он пешниҳод карда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки норасоиҳои номбурдашуда, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва сатҳи назариявӣ, методологӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳад.

## Хулоса

Дар умум кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро карда шуда, рисолаи баитмомрасидаи илмиро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 –

Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқарарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии баитмомрасида мебошад. Ҳамин тавр, диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) арзанда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**Вакили Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғоибназарзода С.М.**

12.06.2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42. Телефон: +992 988 20 45 45, Почтаи электронӣ: ssssaid1985@mail.ru.

**Имзои С.М. Ғоибназарзодаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафарзода Ф.С.**

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассиса:** 734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42. Телефон: 992 (372) 221-33-07.
Почтаи электронӣ: info@parlament.tj